# МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАЪРӮЗАИ
# ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2018

**ДУШАНБЕ – 2019**

***Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 бо мақсади иттилоотонии мақомоти давлатӣ аз фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.***

***Маърӯза инчунин барои сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ, воситаҳои ахбори омма ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр ва интишор карда мешавад.***

***Матни электронии Маърӯза дар сомонаи www.ombudsman.tj ҷой дода шудааст.***

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Хонандаи мухтарам,**

Соли 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳон дар радифи пешравиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсӣ дар такомулу пешрафти ҳуқуқи инсон низ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Дар ин сол аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” даҳ сол пур шуд. Қонуни мазкур ба таъсис ва рушди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон заминаи муҳими ҳуқуқӣ ва ташкилиро фароҳам овард.

Тули даҳ соли фаъолият бо мақсади тақвияти салоҳият ва нақши мақомот ҷиҳати эҳтиром, риоя, ҳифз ва пешрафти ҳуқуқи инсон ба Қонуни мазкур панҷ маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Соли 2018 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун яке аз механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо мақомоту муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва махсусан мақсади 16 Ҳадафҳои рушди устувори СММ, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва амалисозии ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон корҳои муайянро анҷом дод, ки натиҷаҳои онҳо дар Маърӯзаи навбатӣ пешниҳод мегардад.

Итминон дорам, ки Маърӯзаи мазкур мавриди баррасии мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҳар як фарди ҷомеа қарор гирифта, барои боз ҳам рушд ёфтани ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст ҳамкориҳоро дар ин самт боз ҳам тақвият бахшад.

Бо эҳтиром,
Ваколатдор оид
ба ҳуқуқи инсон
Зариф Ализода

# МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** ........................................................................................... 2

**I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2018**

1.1. Қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ........................................................................................ 4
1.2. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон....................................................................................... 12
1.3. Баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон....... 16
Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013–2020.......................................................... 19
1.4. Фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон................................................................. 21
1.5. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон....... 24

**II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф............... 28
2.2. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида............... 31
2.3. Ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ........................................................................ 34
2.4. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва ҳуқуқ ба мурочиат ........................ 38
2.5. Баробарии гендерӣ ва ҳуқуқи занон ................................................. 42
2.6. Ҳуқуқи маъюбон................................................................................ 50
2.7. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо .......................... 55

**ХОТИМА**.................................................................................... 60

# ПЕШГУФТОР

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 дар асоси таҳлили вазъи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон, пешрафту дастовардҳо ва мушкилоту норасоиҳои самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон ва натиҷагирӣ аз фаъолияти мақомот дар соли 2018 таҳия шудааст.

Маърӯза аз пешгуфтор, ду қисм ва хотима иборат мебошад. Дар қисми якуми Маърӯза масъалаҳои таҳкими иқтидор, қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ таҳлилу баррасӣ гардида, оид ба ин самтҳои фаъолияти мақомот маълумоти муфассал пешниҳод карда шудааст.

Қисми дуюми Маърӯза масъалаҳои ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва ҳуқуқ ба муроҷиат, баробарии гендерӣ ва ҳуқуқ занон, ҳуқуқи маъюбон ва ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро дар бар гирифта, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқҳои инсон вобаста ба ҳар як самти баррасигардида тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шудаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳое, ки дар маърӯзаҳои солонаи ВҲИ пешниҳод шудаанд, чораҳои заруриро меандешанд ва дар пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

Бо ин мақсад тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маърӯзаи навбатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Ҳамчунин Маърӯза барои дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият менамоянд ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар матбуоти чопӣ ва электронӣ нашр карда мешавад.

# ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2018

## 1.1. Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2017, №276 "Дар бораи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" дафтарҳои баҳисобгирии омории муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ ва варақаҳои назоратӣ аз нав омода ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Қабули шаҳрвандон тибқи ҷадвали аз ҷониби роҳбарияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқгардида, дар рӯзҳои душанбе-шанбеи ҳар ҳафта ба роҳ монда шудаанд.

Соли 2018 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3522 адад (с.2017 – 3864) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз онҳо 857 адад хаттӣ ва 2665 адад муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора, 599 адад (с.2017 – 571 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 2923 адади боқимонда (с.2017 – 3293 адад) дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба қайд гирифта шуданд.

Аз 571 адад муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 225 адад (с.2017 – 252) аризаву шикоятҳои хаттӣ ва 374 адад (с.2017 – 319) муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд.

Муроҷиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ:

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 30 адад ё 13,3% (с.2017 – 39);
- ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа – 13 адад ё 5,7% (с.2017 – 8);
- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 12 адад ё 5,3% (с.2017 – 15);
- ҳуқуқи даъват ба хизмати ҳарбӣ – 5 адад ё 2,2% (с.2017 – 4);
- ҳуқуқ ба муроҷиат – 5 адад ё 2,2% (с.2017 – 2);
- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 4 адад ё 1,7% (с.2017 – 10);
- ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ – 3 адад ё 1,3% (с.2017 – 5);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 2 адад ё 0,8% (с.2017 – 6 адад);

– ҳуқуқи гурезаҳо – 1 адад ё 0,4%;

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:

– ҳуқуқ ба манзил – 22 адад 9,8% (с.2017 – 41);
– ҳуқуқ ба таҳсил – 15 адад ё 6,7% (с.2017 – 2);
– ҳуқуқ ба замин – 11 адад ё 5% (с.2017 – 10);
– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 10 адад ё 4,4% (с.2017 – 26);
– ҳуқуқ ба саломатӣ – 9 адад ё 4% (с.2017 – 6);
– ҳуқуқ ба озодӣ аз зуроварӣ дар оила – 8 адад ё 3,1,%; (с.2017 – 2);
– ҳуқуқ ба робитаи оилавӣ – 8 адад ё 3,58%;
– ҳуқуқ ба моликият – 7 адад ё 3,1% (с.2017 – 12);
– ҳуқуқ ба меҳнат – 6 адад ё 2,6% (с.2017 – 12);
– ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 4 адад ё 1,7%; (с.2017 – 6);
– ҳуқуқ ба фардият – 2 адад ё 0,8% (с.2017 – 2).

в) дигар ҳуқуқҳо:

– дигар ҳуқуқҳо – 48 адад ё 21,3% (с.2017 – 33).

Дар соли 2018 дар муқоиса ба соли 2017 теъдоди мурочиатҳо нисбат ба ҳуқуқ ба озодӣ аз зӯроварӣ дар оила (6), ҳуқуқ ба саломатӣ (3), ҳуқуқ ба таҳсил (13) ва ба дигар масъалаҳо (17) зиёд шуда, мурочиатҳо оид ба ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (9), ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (5), ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ (4), ҳуқуқ ба манзил (19), ҳуқуқ ба моликият (5), ҳуқуқ ба меҳнат (6) ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (16) кам гардидаанд.

Аз 225 адад (с.2017 – 252 адад) мурочиатҳои хаттии шаҳрвандон, ки дар Дастгоҳи марказӣ баррасӣ гардидаанд, нисбат ба қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:

– нисбати мақомоти судӣ – 50 адад ё 22,2% (с.2017 – 69);
– нисбати Прокуратура – 7 адад ё 3,1% (с.2017 – 8);
– нисбати Вазорати корҳои дохилӣ – 24 адад ё 10,7% (с.2017 – 23);
– нисбати Вазорати адлия – 9 адад ё 4% (с.2017 – 21);
– нисбати дигар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ – 8 адад ё 0,4% (с.2017 – 17);
– нисбати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 4 адад ё 1,7% (с.2017 – 3);
– нисбати мақомоти давлатии дигар давлатҳо – 3 адад ё 1,3% (с.2017 – 8);
– нисбати шахсони воқеӣ – 9 адад ё 4% (с.2017 – 5);

– нисбати шахсони ҳуқуқӣ – 7 адад ё 3,1% (с.2017 – 14);
– нисбати шахсони мансабдор – 5 адад ё 2,2% (с.2017 – 2);
– дигар масъалаҳо (мусоидаткунӣ) – 99 адад ё 44% (с.2017 – 80 адад).

Натиҷаи баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2018 дар муқоиса ба соли 2017 шикоятҳо нисбат ба мақомоти корҳои дохилӣ, шахсони воқеӣ ва шахсони мансабдор бештар гардида, нисбат ба мақомоти судӣ, адлия ва мақомоти дигар давлатҳо кам шудаанд.

Соли 2018 нисбат ба соли 2017 воридшавии муроҷиатҳо аз ҷониби сокинони вилояти Хатлон (3) ВМКБ (3), мақомоти дигар давлатҳо (6), табассути ташкилотҳо (9) зиёд шуда, аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе (18), вилояти Суғд (25) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (3) адад кам шудааст. (Нигаред ба диаграмма)




Ҳамчунин соли 2018 дар Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 374 адад (с.2017 – 319) муроҷиатҳои шифоҳӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки 62,4% муроҷиатҳоро ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои шифоҳии бақайдгирифташуда ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ:
– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 59 адад ё 15,7% (с.2017 – 33);
– ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 28 адад ё 7,4% (с.2017 – 20);
– ҳуқуқ ба муроҷиат – 23 адад ё 8% (с.2017 – 31);
– ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 9 адад ё 2,4% (с.2017 – 8);
– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ – 8 адад ё 2,1%;
– ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 3 адад ё 0,8% (с.2017 – 6);

– ҳуқуқи даъват ба хизмати ҳарбӣ – 2 адад ё 0,5% (с.2017 – 2);
– ҳуқуқ ба ҳимоя – 2 адад ё 0,5%;

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:
– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 45 адад ё 12% (с.2017 – 33);
– ҳуқуқ ба манзил – 31 адад ё 8,2% (с.2017 – 28 адад);
– ҳуқуқ ба моликият – 22 адад ё 5,8% (с.2017 – 7);
– ҳуқуқ ба замин – 17 адад ё 4,5% (с.2017 – 4);
– ҳуқуқ ба озодӣ аз зӯроварӣ – 12 адад ё 3,2%;
– ҳуқуқ ба таҳсил – 10 адад ё 2,6% (с.2017 – 2);
– ҳуқуқ ба фардият – 7 адад ё 1,8% (с.2017 – 1);
– ҳуқуқ ба меҳнат – 5 адад ё 1,3% (с.2017 – 9);
– ҳуқуқ ба саломатӣ – 3 адад ё 0,8% (с.2017 – 4);
– ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 2 адад ё 0,5% (с.2017 – 3);
– ҳуқуқ ба мерос – 1 адад ё 0,25%;

в) ҳуқуқҳои дигар:
– дигар ҳуқуқҳо – 85 адад ё 22,7% (с.2017 – 40).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муроҷиатҳои шифоҳии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соли 2018 дар муқоиса ба соли 2017 нисбати ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (26), ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (8), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (12), ҳуқуқ ба манзил (3), ҳуқуқ ба моликият (15), ҳуқуқ ба таҳсил (8) ва дигар ҳуқуқҳо (45) бештар ва нисбати ҳуқуқ ба муроҷиат (8) ва ҳуқуқ ба меҳнат (4) кам гардидаанд.

Дар муроҷиатҳои шифоҳии ба мақомот воридшуда шаҳрвандон нисбат ба қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят кардаанд:
– нисбати мақомоти судӣ – 61 адад ё 16,3% (с.2017 – 42);
– нисбати Вазорати корҳои дохилӣ – 27 адад ё 7,2% (с.2017 – 34);
– нисбати Прокуратура – 10 адад ё 2,6% (с.2017 – 2);
– нисбати Вазорати маориф ва илм – 14 адад ё 3,7% (с.2017 – 8);
– нисбати Вазорати адлия – 7 адад ё 1,8% (с.2017 – 9);
– нисбати дигар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ – 13 адад ё (с.2017 – 8);
– нисбати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 4 адад ё 1% (с.2017 – 8);
– нисбати шахсони мансабдор – 7 адад ё 1,8% (с.2017 – 1);
– нисбати шахсони воқеӣ – 43 адад ё 11,4% (с.2017 – 33);
– нисбати шахсони ҳуқуқӣ – 30 адад ё 8,2% (с.2017 – 9);

– мусоидат дар ҳалли дигар масъалаҳо – 158 адад ё 42,2% (с.2017 – 162).

Дар муроҷиатҳои шифоҳии худ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба мақомоти судӣ, прокуратура, маориф ва илм ва шахсони воқеӣ бештар шикоят кардаанд.

Ҳамчунин соли 2018 дар Дастгоҳи марказии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 5 адад муроҷиатҳои такрорӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Соли 2018 дар Дастгоҳи марказии мақомот 55 адад ё 9,1% (с.2017 – 60) муроҷиатҳо (аз ҷумла, 36 (с.2017 – 41) муроҷиати хаттӣ ва 19 (с.2017 – 19) муроҷиати шифоҳӣ) мусбат ҳал гардиданд.

Аз ҷумла, бо мусоидати мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба маҳкумшуда Г.А. ҷиҳати руёнидани зарар иҷроварақа, ба шаҳрванд И.М. шиноснома, ба шаҳрванд Н.В. маълумотномаи тасдиқкунандаи фаъолияти меҳнатӣ ва музди меҳнат, ба шаҳрванд Ю.Ш. нусхаи ҳукми айбдоркунии собиқ шавҳараш барои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои кӯдакашон дастрас карда шуд; сарбозон Ю.А. ва Б.Н. барои ташхис ва табобат дар Госпитали марказии ҳарбии Вазорати мудофиа бистарӣ карда шуданд; ҷойи зисти шаҳрванд Д.Л. муайян карда шуд; муроҷиати шаҳрвандон М.А. ва Ф.Ш. ҷиҳати дуртар аз минтақаи аҳолинишин ҷудо намудани қитъаи замин барои партовгоҳи нав қонеъ гардонида шуд; шаҳрванд С.М. дар асоси саҳми гузоштааш соҳиби манзил гардид; маъюби гурӯҳи II О.А. дар ҷойи истиқоматаш бо кор таъмин карда шуд; шаҳрванд А.С. ва ноболиғон М.З., С.А. дар муассисаҳои иҷтимоӣ ҷойгир карда шуданд; кӯдакони ноболиғ ба модарашон Ш.Х. баргардонида шуданд; фарзанди маъюби шаҳрванд Ғ.Н. дар хона ба таҳсил фаро гирифта шуд; ноболиғ Х.М. аз муассисаи тиббии шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ба муассисаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуд; шаҳрвандон Қ.С. ва Ю.Ҳ. бо адвокат таъмин карда шуданд.

Дар соли 2018 аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 2923 адад (с.2017 – 3293) муроҷиатҳо ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо муроҷиатҳои хаттӣ 632 адад (с. 2017 – 487) ва муроҷиатҳои шифоҳӣ 2291 адад (с.2017 – 2806)-ро ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои хаттие, ки аз тарафи намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ шудаанд, ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ:

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 97 адад ё 15,5% (с.2017 – 75);

– ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ – 39 адад ё 4,8% (с.2017 – 31).
– ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 25 адад ё 4% (с.2017 – 23);

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:
– ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ – 96 адад ё 21,5% (с.2017 – 100);
– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 86 адад ё 13,8% (с.2017 – 68);
– ҳуқуқ ба манзил – 69 адад ё 9% (с.2017 – 43);
– ҳуқуқ ба алимент – 61 адад ё 6,4% (с.2017 – 46);
– ҳуқуқ ба замин – 58 адад ё 5,7% (с.2017 – 24);
– ҳуқуқ ба мерос – 42 адад ё 6,6% (с.2017 – 29);
– ҳуқуқ ба меҳнат – 32 адад ё 6,2% (с.2017 – 28);
– ҳуқуқ ба нафақа – 27 адад ё 3,5% (с.2017 – 20).

Таҳлили муроҷиатҳои ба намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридгардида нишон медиҳад, ки нисбат ба соли 2017 муроҷиатҳо доир ба ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (22), ҳуқуқ ба мерос (13), ҳуқуқ ба манзил (26), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (18), ҳуқуқ ба замин (34) ва ҳуқуқ ба алимент (15) бештар гардидаанд.

Ҳамаи аризаву шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо риояи мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тибқи талаботи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд.

## 1.2. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2018 ба 60 лоиҳаи (с.2017 – 58) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо хулосаҳо пешниҳод шуданд. (Нигаред ба диаграмма)




Лоиҳаҳо аз мақомоти зерин ворид гардидаанд:

- Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 15 (2 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 қарори пленум);
- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 14 (13 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи дигар санад);
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 14 (9 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 (1 лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи Консепсия, 3 лоиҳаи дигар санадҳо);
- Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 3 (1 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 лоиҳаи дигар санадҳо);
- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 (лоиҳаи дигар санад);

– Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 (лоиҳаи дигар санад);
– Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 (лоиҳаи дигар санад);
– Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 4 (3 лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2 (лоиҳаи дигар санад).

Аз ҷумла, ба лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи хизматрасонии давлатӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боари вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ва ба дигар лоиҳаҳо хулоса дода шуданд.

Соли 2018 оид ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои инсон 191 (с.2017 – 119) маълумотнома ва ахбору гузоришҳо ба мақомоту идораҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

– Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 129;
– Прокуратураи генералӣ – 6;
– Вазорати адлия – 7;
– Вазорати корҳои дохилӣ – 2;
– Вазорати корҳои хориҷӣ – 11;
– Вазорати маориф ва илм – 1;
– Вазорати молия – 1;

- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 3;
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ – 2;
- Вазорати рушди иқтисод ва савдо – 3;
- Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2;
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 3;
- Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 18;
- Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2;
- Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон – 1.

Инчунин дар ин давра кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар фаъолияти 39 (с.2017 – 29) гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон иштирок намуданд.

Фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ва ғайраҳо самаранок буданд.

Дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 11 (с.2017 – 18) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кори Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва бо супориши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2018 дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, тавқифгоҳҳои тафтишотӣ, тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ, қисмҳои ҳарбӣ, хонаҳои маъюбон ва пиронсолон, мактаб-интернатҳо, мактаб-парастишгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ғайраҳо 57 санҷиш, мониторинг ва боздидҳо (22 санҷиш, 32 мониторинг ва 3 боздид) гузаронида шуданд.

Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

## 1.3. Баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон

Соли 2018 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти самарабахши иттилоотӣ тавассути баргузор намудани вохӯрию мулоқот бо аҳолӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳои омӯзишӣ, машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ, баромад дар телевизион ва радио, нашри мақола, чоп ва паҳн намудани “Ахбори Ваколатдор”, китобу брошура, сомонаҳои www.ombudsman.tj, www.vhk.tj ва дигар чораҳо ба роҳ монда шуд.

Ҳамкориҳои мақомот бо воситаҳои ахбори омма тақвият дода шуд. Дар асоси нақшаҳои алоҳидаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо радиои «Тоҷикистон», радиои «Ховар», радиои «Садои Душанбе» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» 43 баромад таъмин карда шуд. Рӯзҳои 22 январи соли 2018 ва 19 июли соли 2018 барои намояндагони воситаҳои ахбори омма оид ба натиҷагирӣ аз фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2017 ва нимсолаи якуми соли 2018 нишастҳои матбуотӣ ташкил ва гузаронида шуданд.

Ҳамчунин роҳбарият ва кормандони мақомот тавассути телевизион, радио, матбуоти чопӣ ва электронӣ 327 (с. 2017 – 273) баромад намуданд. (Нигаред ба диаграмма)




Дар баромадҳо ва мақолаҳо муқаррароти қонунгузории амалкунанда, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, дастовардҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва паҳлуҳои дигари ҳаёти ҷомеа таҳлил ва арзёбӣ гардиданд.

Дар соли сипаришуда бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 63 (с.2017 – 39) чорабиниҳои маърифатӣ ва иттилоотӣ (3-конференсия, 41-мизи мудаввар, 8-семинар ва 6-тренинг) гузаронида шуда, иштироки кормандони Дастгоҳи марказии мақомот дар 123 (с.2017 – 77) чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки аз ҷониби мақомот ва муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шуданд, таъмин карда шуд.

Соли 2018 дар ҷумҳурӣ 70-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 1948) сазовор ҷашн гирифта шуд. Дар доираи ҳафтаи ҳуқуқи инсон аз 4 то 11 декабр Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо мақомоту муассисаҳои давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ як қатор чорабиниҳоро ташкил ва баргузор намуд, аз ҷумла:

– санаи 4-уми декабр дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бахшида ба ҷамъбасти мониторингҳои аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак гузаронидашуда, мизи мудаввар доир карда шуд;

– санаи 6-уми декабр дар мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар мавзӯи "Амалисозии Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2019" семинари омӯзишӣ гузаронида шуд, ки дар он зиёда аз 200 нафар намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони соҳаҳои маориф, фарҳанг ва тандурустӣ ва аҳли ҷамоатчигии ноҳия иштирок намуданд;

– санаи 7-уми декабр дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон I-умин Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бо фарогирии зиёда аз 300 нафар устодону шунавандагони Академия баргузор гардид;

– санаи 8-уми декабр дар факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи: «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ гузаронида шуд, ки дар кори он зиёда аз 60 нафар намояндагони мақомоти давлатӣ ва устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ширкат варзиданд;

– санаи 10-уми декабр дар ҳамкорӣ бо Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон семинари омӯзишӣ гузаронида шуд, ки дар он зиёда аз 200 нафар устодону шунавандагони Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ иштирок намуданд.

Санаи 10-уми декабр дар ҳамоиши ҷашнӣ бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, корпусҳои дипломатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои

ахбори омма чорабиниҳо бахшида ба 70 солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ҷамъбаст гардиданд.

Дар асоси банди 18-уми Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2017, №АП-901 тасдиқ карда шудааст, бо иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, намояндагони Прокуратураи генералӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хоруғ ва Конибодом, ноҳияҳои Файзобод, Лахш, Ашт, Балҷувон, Ховалинг ва Дарвоз чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ гузаронида шуданд.

Дар чорабиниҳои мазкур кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, сохторҳои вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иштирок намуданд.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маводҳои иттилоотии зерин таҳия ва чоп карда шуданд:

– Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2017 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) – 300 нусха;

– Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2017 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) – 300 нусха;

– Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – 200 нусха;

– Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон (нашри II) – 1000 нусха;

– Роҳнамо аз фанни ҳуқуқи инсон барои ихтисосҳои ғайриҳуқуқшиносӣ – 1000 нусха;

– Роҳнамо барои омӯзиши ҳуқуқи инсон – 250 нусха;

– Ахбори Ваколатдор №1(26) с.2018 – 360 нусха;

– Ахбори Ваколатдор №2(27) с.2018 – 360 нусха;

– Ахбори Ваколатдор №3(28) с.2018 – 360 нусха;

– Маҷмӯи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба адолати судӣ нисбати ноболиғон – 300 нусха;

– Ҳуқуқҳои худро муҳофизат намо (буклет) – 2000 нусха;

– Ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳифзи саломатӣ (овеза) – 500 нусха.

Маводи мазкур зимни баргузории чорабиниҳои иттилоотӣ ва вохӯрию мулоқот бо аҳолӣ ройгон дастрас карда шуданд.

**Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013–2020**

Соли 2018 дар доираи амалисозии марҳилаи дуюми (солҳои 2015–2018) Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013–2020 бо мақсади омода намудани тренерон дар соҳаи ҳуқуқи инсон рӯзҳои 2–6 апрели соли 2018 дар истироҳатгоҳи «Ёс»-и шаҳри Ваҳдат ва 7–11 октябри соли 2018 дар истироҳатгоҳи “Сароб”-и ноҳияи Варзоб барои 15 нафар намояндагони вазорату идораҳои дахлдор 2 тренинги ҷамъбастӣ гузаронида шуданд.

Сипас аз ҷониби тренерони мазкур дар Маркази таълимии судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Бохтар, Хуҷанд ва Кулоб барои гурӯҳҳои мақсаднок семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Соли 2018 тибқи Нақшаи марҳилаи дуюми Барномаи таълим “Роҳнамо барои омӯзиши ҳуқуқи инсон” ҳамчун маводи ёрирасон барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо теъдоди 250 нусха, “Роҳнамо аз фанни ҳуқуқи инсон барои ихтисосҳои ғайриҳуқуқшиносӣ” ва “Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон (нашри II)” бо теъдоди 2000 нусха ба нашр расид.

### 1.4. Фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ

Айни замон дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ 3 Намояндагӣ ва 6 Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият намуда, ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, аз ҷумла ба гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд.




Фаъолияти намояндагиҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба хуқуқи инсон аз ҳисоби шарикони рушд маблағгузорӣ карда мешавад. Қабулгоҳҳои ҷамъиятии шаҳри Кулоб ва ноҳияҳои Қубодиёну Айнӣ аз ҳисоби Барномаи Рушди СММ дар доираи лоиҳаи “Тақвияти волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон бо мақсади фарохтар сохтани имкониятҳои одамон дар Тоҷикистон”, қабулгоҳҳои ҷамъиятии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт аз ҳисоби Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии Ҳелветас дар доираи лоиҳаи “Дастрасӣ ба адолати судӣ”, Қабулгоҳи ҷамъиятии шаҳри Исфара ва як воҳиди корӣ шартномавӣ дар Намояндагии Ваколатдор оид ба хуқуқи инсон дар вилояти Суғд аз ҳисоби Хазинаи сулҳофарии СММ тавассути Барномаи Рушди СММ дар доираи лоиҳаи “Ҳамкории наздисарҳадӣ ба хотири сулҳи устувор ва рушд” маблағгузорӣ мешаванд.

Лоиҳаи “Ҳамкории наздисарҳадӣ ба хотири сулҳи устувор ва рушд” бо мақсади паст намудани шиддати ҳолатҳои низоӣ дар минтақаҳои баҳсии наздисарҳадӣ байни Тоҷикистону Қирғизистон амалӣ карда мешавад. Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар баробари дигар мақомоти дахлдори давлатӣ иҷрокунандаи лоиҳаи мазкур мебошад. Соли 2018 дар доираи амалисозии лоиҳа барои намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Қушунҳои сарҳадӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолии ҷамъиятӣ ва аҳолии шаҳри Исфара ва ноҳияи Б.Ғафуров 2 мизи мудаввар дар мавзӯи “Механизми қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, 2 тренинги омӯзишӣ дар мавзӯи “Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон” ва 71 машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронида шуданд.

Дар доираи амалисозии лоиҳаи “Дастрасӣ ба адолати судӣ” низ дар шаҳрҳои Турсунзода ва Ҳисор, ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Шаҳринав барои намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ходимони дин, воситаҳои ахбори омма ва аҳолӣ 8 мизи мудаввар ва 50 машварати сайёри ҳуқуқӣ баргузор карда шуданд.

Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2018 дар маҷмӯъ 247 машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронида, дар кори 155 чорабиниҳои иттилоотӣ иштирок намуданд. Дар ин чорабиниҳо паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва накши мақомот дар пешбурд, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон матраҳ гардиданд. (Нигаред ба нишондиҳандаҳои оморӣ)

## Нишондиҳандаҳои омории фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2018

| р/т | Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ | Баррасии мурочиатҳо: | | Мурочиатҳо аз ҷониби: | | Баромад дар воситаҳои ахбори омма: | | | Гузаронидани машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ | Иштирок дар чорабиниҳо | Иштирок дар мурофиаҳои судӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | хаттӣ | шифоҳӣ | занон | мардҳо | ТВ | радио | мақола | | | |
| 1 | Намояндагӣ дар ВМКБ | 17 | 129 | 94 | 52 | 17 | 18 | 2 | 29 | 39 | 8 |
| 2 | Намояндагӣ дар вилояти Хатлон | 89 | 222 | 93 | 211 | 1 | 1 | 1 | 13 | 19 | 12 |
| 3 | Намояндагӣ дар вилояти Суғд | 95 | 131 | 125 | 101 | 3 | 4 | 8 | 45 | 23 | 4 |
| 4 | Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар шаҳри Турсунзода | 147 | 298 | 338 | 107 | - | 8 | 6 | 24 | 8 | 11 |
| 5 | Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар шаҳри Кулоб | 211 | 307 | 304 | 214 | - | - | - | 22 | 18 | - |
| 6 | Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар шаҳри Исфара | 8 | 172 | 69 | 103 | 3 | 4 | 2 | 42 | 12 | - |
| 7 | Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар ноҳияи Рашт | 26 | 406 | 296 | 136 | 2 | 3 | - | 26 | 13 | 18 |
| 8 | Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар ноҳияи Қубодиён | 26 | 414 | 220 | 220 | - | - | 2 | 12 | 4 | 10 |
| 9 | Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар ноҳияи Айнӣ | 5 | 133 | 73 | 65 | - | - | - | 5 | 7 | 2 |
| 10 | Мушовир дар н.Б.Ғафуров | 8 | 79 | 32 | 55 | - | 3 | 1 | 29 | 12 | - |
| **Ҷамъ:** | | **632** | **2291** | **1644** | **1264** | **26** | **41** | **22** | **247** | **155** | **65** |
| **Умуман:** | | **2923** | | **2908** | | **89** | | | | | |

## 1.5. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Соли 2018 бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба бинои дигар, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 78 кӯчонида шуда, бо шароити зарурии фаъолият таъмин гардид.

Ҷиҳати ҷобаҷогузории кадрҳо, омӯзиш, такмили ихтисос ва тарбияи онҳо, ташкили фаъолияти комиссияҳои дохилиидоравӣ тадбирҳои муассир андешида шуданд.

Аз ҷумла, санаи 14 марти соли 2018 бо иштироки намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 нафар хизматчиёни давлатии маъмурии мақомот аз аттестатсия гузаронида шуда, 2 нафари онҳо ба захираи кадрҳо ворид карда шуданд.

Ҳамчунин, санаҳои 24 май ва 15 августи соли ҷорӣ дар мақомот бо иштироки намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун гузаронида, 4 нафар ба кор қабул карда шуданд, ки аз онҳо 2 нафарашон зан мебошанд.

Бо дарназардошти дар таҳрири нав қабул шудани Кодекси одоби хизматчии давлатӣ Низомномаи Комиссияи одоби хизматчии давлатии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз нав таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Соли 2018 бо даъвати Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 нафар хизматчиёни давлатии мақомот аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд.

Дар асоси нақшаи намунавии дарсҳои бозомӯзӣ, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд, нақшаи дарсҳои бозомӯзии кормандони мақомот таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки тибқи он барои хизматчиёни давлатии мақомот 34 дарсҳои бозомӯзӣ гузаронида шуданд.

Барои баланд бардоштани малакаи кории кормандони Дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон рӯзҳои 26–30 июн, 5–9 сентябр ва 18 декабри соли 2018 дар мавзӯи “Мониторинги вазъи риояи ҳуқуқи инсон” семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Дар мақомот ду сомонаи расмӣ – www.ombudsman.tj ва www.vhk.tj амал мекунад, ки дар бораи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ маълумот пешниҳод менамоянд. Мазмун ва муҳтавои сомонаҳо пайваста таҷдид карда мешаванд. Соли 2018 дар сомонаҳои мақомот зиёда аз 300 мавод ҷойгир карда шуда, зиёда аз 2700 нафар муштарӣ аз сомонаҳо истифода бурданд.

Дар ин давра аз тарафи роҳбарияти мақомот ва кормандони Дастгоҳи он бо намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва коршиносони байналмилалӣ 16 вохӯриву мулоқотҳои судманд сурат гирифтанд, ки ба таҳкими мақомот мусоидат намуданд.

Соли 2018 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1103 адад (с.2017 – 1083 адад) муросилоти воридотӣ ба қайд гирифта шуда, нисбати онҳо дар муҳлатҳои пешбинигардида корбарӣ шудааст. Ҳамчунин дар ин давра аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 171 санад, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти мақомотро танзим менамоянд, ба тасвиб расиданд.




Дар буҷети давлатӣ соли 2018 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 601 135 сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2017 264 722 сомонӣ зиёд аст. Дар ин сол барои Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба маблағи 1 514 795 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ба маблағи умумии 86 540 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок истифода бурда шуданд.

Инчунин аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт аз ҳисоби Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн ба маблағи 98 649 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти қабулгоҳҳои

ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Кулоб, Роғун ва ноҳияи Қубодиён аз ҳисоби Барномаи рушди СММ ба маблағи 121 820 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Исфара ва як воҳиди кории иловагии Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Суғд аз ҳисоби лоиҳаи «Ҳамкории наздисарҳадӣ барои дастрасӣ ба сулҳи устувор ва рушд» 111 264 сомонӣ ва барои гузаронидани мониторинги муассисаҳои будубоши доимӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби Хазинаи кӯдакони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 44 774 сомонӣ сарф гардидааст.

Дар маҷмуъ соли 2018 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 376 507 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 24% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Аз ҷониби Тоҷикистон санадҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ба истиснои Протоколи иловагӣ ба Конвенсия ба тасвиб расонида шуда, оид ба иҷрои онҳо ба сохторҳои марбутаи СММ мутаносибан ду ва се гузориши миллӣ пешниҳод карда шудааст.

Аз ҷумла, моҳи майи соли 2018 оид ба иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа гузориши сеюм пешниҳод гардид, ки аз натиҷаи он ба Тоҷикистон 42 адад тавсияҳо дода шуданд.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 оид ба эҳтимолияти шиканҷа 48 (с.2017 – 21) мурочиат ба қайд гирифта шудааст, ки танҳо 4 ҳолат истифодаи шиканҷа тасдиқи худро ёфтааст. Вобаста ба ин ҳолатҳо тибқи моддаи $143^1$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 8 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (7 корманди ВКД ва 1 корманди КДАМ) 4 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. Аз онҳо як парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ ба суд ирсол карда шуда, 3 парвандаи дигар дар тафтишоти пешакӣ қарор дорад.

Ҳамзамон дар ин давра аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии “Эътилофи зидди шаканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон” оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа 44 мурочиат (аз ҷумла, 7 мурочиати занон) ба қайд гирифта шудааст.

Соли 2018 дар самти пешгирии шиканҷа аз ҷониби мақомоти дахдори давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тадбирҳои муайян андешида шуданд.

Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо ТҶ “Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон” оид ба масъалаҳои тафтиши ҳолатҳои шиканҷа ва стандартҳои Протоколи Истанбул бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбии кормандон бо ҷалби 75 нафар се семинари омӯзишӣ гузаронид.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар мавзӯъҳои “Ҳуқуқҳои маҳкумшудагон” ва “Ҳуқуқҳои дастгиршудагон ва пешгирӣ аз шиканҷа” барои кормандони Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия ва ШВКД дар ноҳияҳои Спитамен, Панҷ, Муъминобод, Ховалинг ва

Дарвоз бо мақсади баланд бардоштани дониши касбии кормандони мақомоти мазкур 6 чорабинии иттилоотӣ гузаронид.

Аз моҳи июл то сентябри соли 2018 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон якҷо бо намояндагони Прокуратураи генералӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хоруғу Конибодом ва ноҳияҳои Файзобод, Лахш, Ховалинг, Балҷувон, Ашт ва Дарвоз дар мавзӯъҳои "Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017–2020", "Пешгирии шиканҷа", "Рушди ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишвар" 8 чорабинии итилоотӣ гузарониданд.

Соли 2018 Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва беморони рӯҳӣ дар 16 муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида мониторинг гузаронид, ки дар ҷараёни он инчунин масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Аз ҷумла, Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати иҷрои тавсияи Кумитаи зидди шиканҷа дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиш гузаронид.

Соли 2018 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа 13 (с.2017 – 8) муроҷиат ворид гардидааст, ки 5 ададаш аз ҷониби занҳо мебошад. Муроҷиатҳо аз шаҳри Душанбе 7 адад, вилояти Хатлон 2, вилояти Суғд 1 адад ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 1 ва тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/1 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 адад ворид гардидаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муроҷиаткунандагон асосан аз амал (беамали)-и кормандони таҳқиқ ва тафтиш шикоят намудаанд. Масалан, судшавандагон Я.М., А.С. ва Қ.И. дар бораи вайрон шудани ҳуқуқҳои мурофиавиашон аз ҷониби кормандони Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Рашт ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ шикоят намудаанд. Муроҷиатҳои онҳо барои баррасӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Шаҳрванд Б.С. нисбати амалҳои ғайриқонунии кормандони Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ 2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки боиси марги шавҳараш Н.Р. гардидааст, шикоят намуд. Шикояти мазкур тибқи тобеият ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуда, дар баррасӣ қарор дорад.

Муроҷиатҳои боқимонда тибқи тобеият ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда, тасдиқи худро наёфтанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар шудани вазъи риояи ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- **таъмини тафтишоти саривақтӣ, ҳаматарафа ва беғаразонаи тамоми муроҷиатҳо оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф;**
- **гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади пешгирии шиканҷа;**
- **ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зиддӣ шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва таъсис додани механизми миллии пешгирии шиканҷа.**

### 2.2. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Санадҳои байналмилалӣ муқаррар менамоянд, ки ҳамаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба муносибати инсонӣ ва эҳтироми шаъну шарафи ба шахсияти инсонӣ хос ҳуқуқ доранд. Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба маҳкумшудагон муносибати эҳтиромонаи кормандони муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазоро кафолат додааст.

Дар ҷумҳурӣ шароити будубош ва муносибати кормандон бо шахсоне, ки дар ин муассисаҳо нигоҳ дошта мешаванд сол аз сол рӯ ба беҳбудӣ меорад.

Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 бо мақсади беҳтар намудани шароити нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар муассисаи ислоҳии №6 (ноҳияи Ёвон) 10 ҳуҷра, 2 ошхонаи умумӣ ва 2 сехи истеҳсолӣ, дар муассисаи ислоҳии №2 (шаҳри Ваҳдат) 25 ҳуҷра, 2 ошхона ва 8 иншооти истифодаи умум, дар муассисаи ислоҳии №4 (шаҳри Душанбе) бинои нави истиқоматӣ, дар муассисаи ислоҳии №8 (шаҳри Норак) сехи истеҳсоли маҳсулоти макарон, дар муассисаи ислоҳии ЯС3/10 сехи коркарди санг ва ғайраҳо сохта ба истифода дода шуданд.

Соли 2018 дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 2770 нафар маҳкумшудагон ба меҳнати пардохтшаванда ҷалб карда шуданд, ки аз ин шумора 306 нафарашон маҳкумшудагоне мебошанд, ки зарари расонидаашонро талофӣ накардаанд. Ҳамчунин корхонаҳои истеҳсолии муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ соли 2018 истеҳсоли маҳсулотро дар ҳаҷми 113% иҷро намуданд, ки аз нақшаи пешбинишуда ба маблағи 507 ҳазору 911 сомонӣ зиёд мебошад.

Ҷиҳати ҳавасмандгардонии маҳкушудагон соли 2018 688 нафар маҳкумшудагон пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда шуда, 1437 нафар ба муассисаҳои ислоҳии сукунатӣ ва 361 нафар маҳкумшуда ба нозироти корҳои ислоҳӣ гузаронида шуданд.

Аз ҷониби Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷиҳати риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда пайваста чорабиниҳои омӯзишӣ гузаронида мешавад. Соли 2018 3 курси омӯзишӣ бо ҷалби 65 кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гузаронида шудааст.

Фавти маҳкумшудагон ва ба бемориҳои сироятӣ гирифтор будани онҳо яке аз мушкилоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Соли 2018 бо истифода аз таҷҳизоти рентгении дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ насбшуда ва нақлиёти сайёри рентгенӣ 5426 нафар маҳкумшудагон, айбдоршавандагон, сарбозон ва кормандон аз ташхиси флюорографӣ гузаштанд, ки дар 173 нафари онҳо бемории сил ошкор карда шудааст. Инчунин таҳлили тестии 4600 нафар маҳкумшудагон ба бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) гирифтор будани 30 нафари онҳоро муайян намуд. Ҳоло дар муассисаҳои ислоҳӣ 307 нафар маҳкумшудаи гирифтори БПНМ адои ҷазо менамоянд, ки аз ин шумора 262 нафарашон ба табобати зиддӣ ретровирусӣ фаро гирифта шудаанд.

Ҷиҳати риоя ва барқарорсозии ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз воситаҳои гуногун, аз ҷумла гузаронидани санҷишу мониторингҳо, иттилоотонӣ, қабул ва баррасии муроҷиатҳо истифода менамояд.

Барои амалӣ намудани ин вазифаҳо соли 2018 аз ҷониби Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи нақшаи тасдиқгардида дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида оид ба риояи ҳуқуқҳои дастгиршудагон, маҳкумшудагон ва беморони руҳӣ 16 мониторинг гузаронида шуданд. Бо мониторингҳо тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Спитамен, Панҷ, Муъминобод, Ховалинг, Дарвоз, Рӯшон ва шаҳри Хоруғ, Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, Маркази бемориҳои руҳии ноҳияи Зафаробод, Беморхонаи клиникии вилоятии бемориҳои рӯҳии шаҳри Исфара ва Муассисаи давлатии “Хона-интернати беморони рӯҳӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов”, Муассисаи давлатии “Маркази наркологии вилояти Суғд”, Муассисаи давлатии “Хона-интернати беморони рӯҳии ноҳияи Восеъ”, Муассисаи

ислоҳии ЯС 3/9 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Дӯстӣ, Литсеи касбии-техникии махсуси шаҳри Душанбе ва Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Душанбе фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла, мониторинги Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе нишон дод, ки меъёрҳои нигоҳдошти боздоштшудаҳо риоя, ҳолати санитарӣ-гигиенӣ ва хизматрасонии тиббӣ дар муассиса таъмин шудаанд.

Дар баробари ин камбудиҳои зерин ба монанди, насб нагардидани камераи мушоҳидавӣ дар ҳуҷраҳои пурсиш, мавҷуд набудани қуттӣ барои арзу шикоят ошкор гардиданд.

Мониторинги Маркази рӯҳшиносии ноҳияи Зафаробод нишон дод, ки таъминоти маводи доруворӣ ва озуқаворӣ, лавозимоти ҷойи хоб, ҳолати санитарӣ-гигиении ҷойҳои истифодаи умум ба талабот ҷавобгӯй намебошад.

Вобаста ба камбудиҳои ҷойдошта ба масъулини муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои дахлдор дода шуданд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ, муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида дар мавзӯъҳои "Риояи санадҳои байналмилалии ва миллӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи инсон" ва "Ҳуқуқҳои дастгиршудагон" 9 мизи мудаввар гузаронид, ки дар онҳо 500 нафар иштирок намуданд.

Соли 2018 ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби шахсоне, ки дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида нигоҳ дошта мешаванд ва хешу табори онҳо 14 мурожиат (с.2017 – 18) ворид шудааст. Дар муроҷиатҳо аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати мусоидат намудан барои мулоқот бо хешовандон, дастрас намудани иҷроварақа, ба табобат фаро гирифтани маҳкумшуда ва дигар масъалаҳо дархост шудааст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- **гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба меъёрҳои байналмилалӣ ва миллии муносибат бо маҳбусон ва пешгирии шиканҷа барои кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;**
- **идома додани мониторингҳои муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида.**

## 2.3. Ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ

Моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» танзим карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол ба сол шароити моддию иҷтимоӣ ва вазъи маишию фарҳангии хизматчиёни ҳарбӣ беҳтар мегарданд. Тавре аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 бармеояд, тайи панҷ соли охир танҳо барои ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ 170 иншооти нав сохта шудаанд ва Тоҷикистон ҳамчун сипар на танҳо амнияти худ, балки бехатарии минтақа, кишварҳои пасошӯравӣ ва аврупоиро аз паҳншавии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму экстремизм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ таъмин карда истодааст.

Дар ин самт Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар доираи салоҳияташ ҳамкориҳои судмандро бо вазорату идораҳои дахлдор роҳандозӣ намудааст. Ҷиҳати санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз моҳи декабри соли 2013 инҷониб Гурӯҳи мониторингӣ фаъолият мекунад, ки то имрӯз дар қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиа 20 мониторинг гузаронидааст.

Аз ҷумла, соли 2018 дар 5 қисмҳои ҳарбӣ дар шаҳрҳои Бохтар, Кулоб ва Истаравшан ва ноҳияҳои Лахшу Б.Ғафуров мониторинг гузаронида шудааст.

Дар рафти мониторингҳо шароити моддию маънавӣ ва вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд. Маълум гардид, ки сару либоси хизматчиёни ҳарбӣ якхела ва босифат мебошад. Ҷойи хоби сарбозон, ҳуҷраҳои маишӣ ва фароғатӣ, ҷойҳои дастурӯшуйӣ, ҷомашуйӣ, бо лавозимоти зарурӣ таъмин буда, ба талаботи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй мебошанд. Қисмҳои ҳарбӣ дорои майдончаҳои варзишӣ, мағозаҳо ва бунгоҳҳои тиббии замонавӣ мебошанд.

Ҳамзамон маълум гардид, ки ҳангоми рух додани муносибатҳои ғайриоинномавӣ сарбозон имкон надоранд мустақилона ба мақомоти прокуратураи ҳарбӣ ва ё дигар ҷойи лозима муроҷиат намоянд, зеро дар

қисмҳои ҳарбӣ нуқтаҳои алоҳидаи телефонӣ вуҷуд надоранд. Инчунин ҷойҳои сайругашти сарбозон бо камераҳои назоратӣ муҷаҳҳаз нашудааст.

Зимни мониторингҳо бо афсарону сарбозон суҳбатҳои алоҳида гузаронида шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои эҳтимолияти истифодаи зӯроварӣ ва таҳқир аз ҷониби сарбозон ва афсарон, худсарона баромада рафтан аз ҳудуди қисми ҳарбӣ, ҷалби сарбозон ба корҳои ба хизмати ҳарбӣ вобастанабуда мавриди пурсиш қарор дода шуданд.

Сарбозони пурсидашуда ҳолатҳои ҷой доштани муносибати бераҳмона, таҳқир ва зуроварӣ дар қисмҳои ҳарбиро рад намуданд.

Тибқи маълумоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 вобаста ба вайрон кардани муносибатҳои оинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ 17 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст. Нисбати гунаҳгорон аз тарафи мақомоти тафтишотӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз гардида, барои баррасӣ ба суд ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон аз таҳлили воситаҳои ахбори омма бармеояд, ки соли 2018 дар баъзе қисмҳои ҳарбӣ ҳолатҳои алоҳидаи муносибатҳои ғайриоинномавӣ ҷой доштанд. Масалан, соли 2018 сарбозон М.М. ва Ё.А., ки дар Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар шаҳри Бохтар ва ноҳияи Ванҷ адои хизмат менамуданд, аз ҷониби ҳамхизматонашон мавриди лату кӯб қарор гирифта, дар натиҷаи бардоштани ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ба ҳалокат расидаанд. Вобаста ба ҳолатҳои мазкур шахсони гунаҳгор дар асоси моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Ҷиҳати пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ соли 2018 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 10 чорабинии иттилоотӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, дар қисмҳои ҳарбии ноҳияҳои Рашт (2 қисми ҳарбӣ), Лахш, Восеъ, Б. Ғафуров, шаҳрҳои Истарафшан, Бохтар, Кулоб, Донишкада ва Коллеҷи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯъҳои «Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ», “Муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ” ва «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон» мизҳои мудаввар гузаронида шуданд, ки дар онҳо зиёда аз 1500 афсарон ва сарбозон иштирок карданд.

Инчунин мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мусоидати шарикони рушд Дастурамал “Оид ба корҳои сиёсию тарбиявӣ, пешгирӣ намудани муносибатҳои ғайриоинномавӣ ва даъват ба хизмати ҳарбӣ”-ро бо теъдоди 70 нусха нашр намуда, ройгон паҳн намуд.

Дар ин давра ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ ва хешу табори онҳо 8 муроҷиат ворид гардидааст. Шаҳрвандон асосан оид ба хуб набудани вазъи саломатӣ, халалдор шудани ҳуқуқҳояшон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, норозигӣ аз хулосаҳои комиссияҳои тиббӣ ва даъватӣ ва ба таври иҳотагирӣ ба хизмат даъват шуданашон муроҷиат намудаанд.

Муроҷиатҳои сарбоз А.У. барои идома додани хизмати минбаъдааш дар қисми ҳарбии 13483 Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Восеъ ва шаҳрванд А.Б. дар хусуси бо табобат фаро гирифтани фарзандаш сарбоз Ю.А., ки дар қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат менамояд, бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳалли мусбии худро ёфтанд.

Боқимонда шикоятҳои шаҳрвандон А.М. ва Х.З. оид ба хуб набудани вазъи саломатии сарбозон А.М. ва Б.Н., шикояти Н.Қ. оид ба бемории фишорбаландӣ ва ба дарди сари доимӣ гирифтор будани фарзандаш Ш.Ш., аризаи шаҳрванд Ю.М. оид ба норозигиаш дар хусуси аз кор дар комиссариати ҳарбӣ озод кардани набераааш В.К. ва аризаи шаҳрванд А.Н. оид ба номувофиқии саломатии фарзандаш ба хизмати ҳарбӣ тибқи таалуқдориашон ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шуданд. Дар натиҷаи санҷишҳо ваҷҳҳои дар муроҷиатҳои мазкур баёншуда тасдиқи худро наёфтанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар шудани вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- **андешидани тадбирҳои иловагии иттилотӣ-маърифатӣ ҷиҳати роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ;**
- **таъмини меъёрҳои қонунгузории миллӣ ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ;**
- **муҷаҳҳаз намудани қисмҳои ҳарбӣ бо камераҳои мушоҳидавӣ ва нуктаҳои телефонӣ;**
- **идома додани мониторингҳои қисмҳои ҳарбӣ.**

### 2.4. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва ҳуқуқ ба муроҷиат

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”, “Дар бораи иттилоотонӣ”, “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма”, “Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ» ва дигар санадҳо ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро кафолат медиҳанд.

Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар ҷумҳурӣ 376 рӯзнома, аз ҷумла 112

давлатӣ ва 264 ғайридавлатӣ, 245 маҷалла, аз ҷумла 114 давлатӣ ва 131 ғайридавлатӣ, 317 матбаа, аз ҷумла 37 давлатӣ ва 280 ғайридавлатӣ, 45 нуқтаи фурӯши китоб, аз ҷумла 3 давлатӣ ва 42 ғайридавлатӣ, 71 нашриёт, аз ҷумла 10 давлатӣ ва 61 ғайридавлатӣ, оҷонсиҳои иттилоотӣ 10 адад, аз ҷумла 1 давлатӣ ва 9 ғайридавлатӣ ба қайд гирифта шудааст. Соли 2018 бинобар сабаби мушкилоти молиявӣ ҶДММ "Муҳаммад СУ", маҷаллаҳои "Оптивик", "Ранда" ва хабаргузории "Озодагон" аз фаъолият бозмонданд.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии истифодабарандагони интернет рӯ ба афзоиш ниҳода, дар соли 2018 ба 2 милиону 769 ҳазору 429 (с.2017 2 238 724) муштарӣ расидааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №617 тартиби пешбурди Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (http://www.portali-huquqi.tj) тасдиқ карда шудааст, ки тибқи он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ройгон истифода бурда мешаванд.

Дар самти мазкур мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ пайваста тадбирҳо меандешад. Аз ҷумла, ҷиҳати иҷрои банди 10-уми Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи муборизаи зидди коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ барои солҳои 2018-2019 Нақшаи чорабиниҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқ гардида, дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шудааст. Нақшаи мазкур масъалаҳои аз нав дида баромадани қонунгузории миллӣ дар самти дастрасӣ ба иттилоот, омода намудани дастури ягонаи кор оид ба дархостҳои иттилоотӣ дар ҳар як мақомоти давлатӣ ва мониторинги он, таъсиси Портали миллии иттилооти озод ва дигарҳоро дар бар мегирад. Тибқи Нақшаи мазкур соли 2018 се ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ гузаронида шуд.

Дар ин самт соли 2018 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти сомонаҳои расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти

давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет», мониторинг карда шуданд.

Мониторинги сомонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур (www.shohmansur.tj) нишон дод, ки сомона ба таври дахлдор фаъол нест. Дар сомона модулҳои «ҷустуҷӯй ва гирифтани маълумот», «пурсиш» ва «ҳамкориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо маҷмӯи хизматрасониҳо» мавҷуд нест.

Сомонаи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.din.tj) танҳо бо забони тоҷикӣ таҳия шуда, саҳифаҳои русӣ ва англисӣ фаъол нестанд.

Сомонаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.nafaka.tj) бо се забон таҳия шуда бошад ҳам, саҳифаи русӣ ва англисии он қисман фаъол мебошад. Дар зерқисмҳои «Ба кормандон» ва «Ба нафақахӯрон» маълумоти зарурӣ ҷой дода нашудааст. Модули «Пурсиш» ва «Саволҳои худро равон кунед» фаъол нестанд.

Аз натиҷаи мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ба мақомоти зикршуда тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 2 сомонаи расмӣ: сомонаи расмии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (www.ombudsman.tj) ва сомонаи расмии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак (www.vhk.tj) таъсис дода шудаанд, ки пайваста фаъол буда, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ маълумот пешниҳод менамоянд.

Дар сомонаҳо оид ба фаъолияти мақомот, дастовардҳои Тоҷикистон дар самти ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои кӯдак, навгониҳои қонунгузорӣ, санадҳои асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд ва иҷрои онҳо маълумотҳо ҷой дода мешаванд.

Бо мақсади омӯзиши вазъи низоми қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ соли 2018 фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳрҳои Турсунзода ва Ваҳдат мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Санҷиш нишон дод, ки дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар баъзе ҳолатҳо риоя намегарданд. Масалан, ба муроҷиати коллективонаи сокинони маҳаллаи Ховарон баъди гузаштани 18 рӯз ва муроҷиати коллективонаи сокинони кӯчаи Назаршоев 7/2 баъди гузаштани 23 рӯз ҷавоб дода шудааст. Ҳол он ки тибқи талаботи қонунгузорӣ бояд дар давоми се рӯз аз натиҷаи баррасӣ ба муаллифон хабар дода мешуд.

Дар ҷараёни санҷиш ошкор гардид, ки бархе аз масъулин ҳангоми баррасии муроҷиатҳо ба мазмун ва муҳтавои он диққати зарурӣ надода, ба муроҷиаткунандагон ҷавобҳои руякӣ ва нопурра медиҳанд.

Масалан, шаҳрванд Ш.Г. оид ба ҷойгир намудан дар Маркази минтақавии хизматрасонӣ ба пиронсолони шаҳри Душанбе муроҷиат намуда бошад ҳам, ба ӯ оид ба расонидани маводи хӯрока ҷавоб гардонидаанд. Шаҳрванд Ш.Д. барои ба Хона интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода ҷойгир намудани бародараш Ш.Д. муроҷиат намуда бошад ҳам, дар ҷавоб ба ӯ навиштаанд, ки гуё муроҷиаташ қонеъ карда шудааст. Ҳарчанд зимни тамоси телефонӣ шаҳрванд Ш.Д. баён намуд, ки бародараш Ш.Д. дар хона, дар ҳолати ногувор қарор дорад.

Инчунин, дар мақомоти мазкур шакли Дафтарҳои баҳисобгирии омории муроҷиатҳои хаттӣ ва шифоҳии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба талаботи коргузорӣ мутобиқат намекунад ва муроҷиатҳои телефонӣ (мобилӣ) дар дафтари алоҳида ба қайд гирифта намешаванд.

Ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар рафти санҷиш ошкоргардида ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур тавсияҳои дахлдор дода шуданд.

Санҷиш дар бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳрҳои Турсунзода ва Ваҳдат нишон дод, ки муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" ба қайд гирифта мешаванд. Дар даромадгоҳи биноҳо эълон насб шудааст, ки "Рӯзи қабули шаҳрвандон аз рӯзи Душанбе то Панҷшанбе мебошад, рӯзҳои ҷумъа бо сабаби ҳуҷҷатгузорӣ аз шаҳрвандон хоҳиш карда мешавад, ки ба бахшҳои асноди ҳолати шаҳрвандии мазкур муроҷиат нанамоянд". Қабули шахсӣ аз ҷониби мудирони бахшҳои мазкур дар асоси ҷадвали алоҳида дар рӯз ва соати муайян ба роҳ монда нашудааст.

Инчунин ҳангоми сабти шаҳодатномаи таваллуд ва дигар ҳуҷҷатҳо дар мақомоти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба хатогиҳои имлоию техникӣ роҳ медиҳанд, ки боиси саргардониҳои зиёд, муроҷиатҳои такрорӣ ва харҷи иловагии шаҳрвандон мегардад.

Аз натиҷаи санҷишҳо ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои дахлдор дода шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва ҳуқуқ ба муроҷиат чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:**

- **мутобиқ намудани сомонаҳо ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет»;**
- **таъсис додани Портали миллии иттилооти озод;**
- **риояи ҳатмии муҳлатҳои баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.**

## 2.5. Баробарии гендерӣ ва риояи ҳуқуқи занон

Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии мардону занонро дар сатҳи Конститутсия эътироф ва кафолат дода, ба санадҳои асосии байналмилалии танзимкунандаи самти мазкур, аз ҷумла Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ва Протоколи иловагӣ ба он ҳамроҳ шудааст.

Дар ҷумҳурӣ дар самти баробарии воқеии мардону занон пайваста чораҳои муассир андешида мешаванд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016–2020», Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017–2022 ва дигарҳо амалӣ шуда истодаанд.

Амалишавии ҳуҷҷатҳои мазкур имкон доданд, ки нақш ва мавқеи занон дар сохторҳои давлатӣ сол аз сол таҳким ёфта, онҳо иштирокчии фаъоли ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гарданд. Айни ҳол 7 узви Маҷлиси миллӣ ва 13 вакили Маҷлиси намояндагонро занон ташкил мекунанд.

Дар мансабҳои роҳбарикунандаи сатҳи ҷумҳурӣ, аз ҷумла муовини Раиси Маҷлиси намояндагон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Суди Олии иқтисодӣ, Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон занҳо фаъолият мекунанд.

Мувофиқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 октябри соли 2018 дар хизмати

давлатӣ 4462 нафар ё 23,4% занон мансабҳои давлатии хизмати давлатиро ишғол менамоянд, ки 1071 нафар ё 18,8%-ашон кадрҳои роҳбарикунанда мебошанд.

Теъдоди занон дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 2907 нафар (24,4%), дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 980 нафар (26,1%) ва дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 575 нафар (16,9%)-ро ташкил мекунанд.

Аз маълумоти мазкур бармеояд, ки занон ба мисли пештара ба хизмати давлатӣ кам пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, дар Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон – 7,5%, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2,2%, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 9,0%, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 9,6%, Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 8,5%, Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 6,6%, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Фархор – 3,7%, Лахш – 6,6%, Рашт – 8,8% ва Данғара – 9,1% фаъолият мекунанд.

Бо мақсади таъмини баробарии гендерӣ дар Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022 вазифа гузошта шудааст, ки то соли 2022 шумораи занон дар ҳайати хизматчиёни давлатӣ то 40% ва дар ҳайати роҳбарикунанда то 30% зиёд карда шавад.

Ҷалби нокифояи занон ба мансабҳои роҳбарикунанда ва корҳои (соҳаҳои) музди баланд дошта боиси нобаробарӣ дар андозаи музди меҳнати онҳо мегардад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2017 аз рӯи ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ музди меҳнати номиналии ҳар моҳаи мардон 1446,39 сомонӣ ва занон 866,59 сомонӣ буда, таносуби музди меҳнати занон нисбат ба музди меҳнати мардон 59,9%-ро ташкил медиҳад.

Яке аз сабабҳои таъмин нашудани баробарии гендерӣ, ки ба пешрафти ҳуқуқу озодиҳои асосии занон таъсири манфӣ дошта, имконияти онҳоро маҳдуд мекунад, то ҳол вуҷуд доштани қолабҳои куҳнашуда оид ба нақши зан дар ҷомеа мебошад. Аз ин лиҳоз, вусъат бахшидани чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ оид ба барҳам додани қолабҳои куҳнашуда нисбати занон мувофиқи мақсад мебошад.

Бо мақсади мусоидат намудан ба баробарии гендерӣ мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти қабул ва баррасии

муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи занон, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани маърифатнокии занону духтарон, ташвиқу тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарҳуқуқии амалигардонии онҳо» ва ғайраҳо корҳои муайянро амалӣ намуд.

Соли 2018 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 93 муроҷиатҳои хаттии занон ба қайд гирифта шуданд, ки асосан ба руёнидани маблағи қарзӣ, дахлнопазирии манзил, маскун намудан ба манзил ё баровардан аз он, аъзои оилаи молик эътироф намудан, эътироф намудани манзили баҳсӣ ҳамчун моликияти муштарак, барқарор кардан ба ҷойи кори пештара, норозигӣ аз ҷуброни арзиши моликият, иштироки намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мурофиаи судӣ, ҷойгир намудани фарзандон ба мактаб-интернат, сохтмони манзили истиқоматӣ, боздоштани иҷрои санади судӣ, норозигӣ аз қарорҳои судӣ, амалҳои кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва комиссариати ҳарбӣ, мулоқот бо маҳкумшудагон ва дигарҳо дахл доранд.

Соли 2018 кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Исфара, ноҳияҳои Дӯстӣ ва Рашт оид ба масъалаҳои пешбурди баробарии гендерӣ, пешгирии ақдҳои никоҳи бармаҳал ва фарҳанги оиладорӣ, инчунин рафти иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мизҳои мудаввар гузарониданд. Дар чорабиниҳои мазкур намояндагони сохторҳои маҳаллии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, намояндаи ҷамъияти маъюбон ва дигарон иштирок карданд.

Ҳамчунин дар самти мазкур тавассути воситаҳои ахбори омма баромадҳо анҷом дода шуданд.

Оид ба такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба бартарафсозии қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ амал менамояд, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аъзои он мебошад.

Яке аз омилҳое, ки ба нобаробарии гендерӣ сабаб мешавад, дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани ҳуқуқи занон дар ҷомеа мебошад. Чунин ҳолатҳо хусусан дар масъалаҳои никоҳҳои хешутаборӣ, бармаҳал, маҷбурӣ, ғайрирасмӣ, тақсими ноодилонаи молу мулк, маскункунӣ, рӯёнидани алимент ва ғайраҳо зоҳир мешаванд.

Заноне, ки дар никоҳҳои ғайрирасмӣ қарор доранд аз ҷиҳати иқтисодӣ осебпазир буда, ҳангоми қатъ гардидани муносибатҳои оилавӣ

ба молу мулки якҷоя ҳуқуқ пайдо намекунанд. Онҳо наметавонанд дар давраи ҳомиладорӣ ва нигоҳубини кӯдак барои худ алимент гиранд.

Бо вуҷуди он ки қонунгузорӣ никоҳҳои маҷбурӣ ва бармаҳалро манъ кардааст, духтарон дар баъзе мавридҳо бархилофи иродаашон ба шавҳар дода мешаванд. Тибқи маълумоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 13 ҳолати ба шавҳар додани духтарони ба синни никоҳӣ нарасида ва 16 ҳолати бастани ақди никоҳ бо шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст, муайян ва ошкор гардида, нисбати падару модарон чораҳои қонунӣ андешида шудаанд.

Тибқи моддаи 13 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳии барои марду зан муқарраршударо (18 солагӣ) ба муҳлати на бештар аз як сол кам кунад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби судҳо ҳолатҳои истисноӣ ба инобат гирифта нашуда, аксари аризаҳои воридшуда қонеъ карда шудаанд. Тибқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 судҳо 2493 адад парвандаҳои оилавиро оид ба кам кардани синни никоҳӣ баррасӣ намуда, аз ин шумора 2469 адад ё 99%-и онҳоро қонеъ намудаанд.

Ҳуқуқи занон дар баъзе мавридҳо ҳангоми тақсими молу мулк, бахусус манзил ва дар он ба қайд гирифтани онҳо риоя намешавад, ки ин ҳолатҳо боиси баҳсҳои тӯлонии судӣ мегарданд.

Занон ҳангоми рӯёнидани алимент барои фарзандон низ ба мушкилот дучор мешаванд. Дар ягон ҷой кор накардан ё берун аз кишвар қарор доштани алиментсупорандагон ин равандро боз ҳам мушкил мегардонад.

Илова ба нобаробарии гендерӣ ва мушкилоти дигари ҳуқуқӣ занон дар оила мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд.

Санади асосии байналмиллалие, ки масъалаи мазкурро танзим мекунад, Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон мебошад.

Ҳамчунин дар Платформаи амалҳои Пекин (соли 1995) низ зӯроварӣ дар оила яке аз мушкилоти ҷиддӣ эътироф шудааст.

Дар ҷумҳурӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023 аз ҷумлаи чунин тадбирҳо мебошанд.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 3048 арзу шикоятҳои шаҳрвандон оид ба ҳолатҳои

зӯроварӣ дар оила мавриди санҷиш қарор дода шудааст. Аз ин маълумотҳо бармеояд, ки дар 2552 ҳолат занон ва дар 496 ҳолат мардон мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд. Нисбати 132 нафар парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, 1429 протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Барои риоя накардани талаботи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» нисбати 953 нафар амрномаи муҳофизатӣ қабул карда шудааст.

Дар соли 2018 мувофиқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои зӯроварӣ дар оила нисбати 165 нафар ҳукмҳои айбдоркунанда баровarda шудааст.

Аксари ҷабрдидагони амалҳои зӯроварӣ дар оила ба хотири нигоҳ доштани номи неки оила ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд. Пинҳон мондани кирдори зӯроварӣ дар оила дар баъзан ҳолатҳо сабаби ба худкушӣ даст задани занон мегардад. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 246 ҳодисаи худкушии занон ба қайд гирифта шудааст.

Бо мақсади расонидани ёрии тиббию иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила айни ҳол дар назди муассисаҳои тиббии 12 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ фаъолият мекунанд, ки нокифоя мебошанд.

Таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки таркиби зӯроварӣ дар оила ҳамчун намуди алоҳидаи ҷиноят ҳисобида нашудааст. Кирдори мазкур, бештар ҳамчун ҷиноятҳои қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ (моддаи 112 Кодекси ҷиноятӣ) ё лату кӯб (моддаи 116 Кодекси ҷиноятӣ) банду баст карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» якчанд субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо муқаррар карда бошад ҳам, ҳамкориҳо ва ҳамоҳангии фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст.

Ҳалли мушкилоти зӯроварӣ дар оила дар баробари истифода аз чораҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ тақвият додани иттилоотонӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва баланд бардоштани маърифатнокии аҳолиро дар самти мазкур тақозо менамояд.

Дар соли 2018 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила 3 муроҷиат ворид шудааст. Масалан, шаҳрвандон О.Л. ва Л.Г. дар хусуси мавриди зӯроварӣ қарор гирифтанашон аз ҷониби бародари О.Л., шаҳрвандон С.С. ва Ш.З. дар хусуси мавриди зӯроварӣ қарор гирифтан аз ҷониби шавҳарҳояшон

муроҷиат карданд. Аз рӯи аризаи шаҳрванд Ш.З. бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тарафҳо ба созиш оварда шуданд.

Дар самти мазкур аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Исфара ва ноҳияҳои Рашту Дӯстӣ 3 мизи мудаввар гузаронида шудааст. Дар чорабиниҳои мазкур аз ҷумла оқибатҳои номатлуби зӯроварӣ дар оила мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар ин раванд аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2018 фаъолияти 4 нозирони мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила дар Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ-1 дар ноҳияҳои Шоҳмансури шаҳри Душанбе, Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ-2 шаҳри Исфара ва Шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Дӯстию Рашт мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Натиҷаи санҷишҳо нишон доданд, ки дар баробари пешравиҳо дар фаъолияти нозирон баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Масалан, китобҳои бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии нозири пешгирии зӯроварӣ дар оилаи ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар парвандаҳо рӯйхати маводҳо замима нашудаанд, нақшаи кории нозирон тасдиқ карда нашудаанд, дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст.

Маврид зикр аст, ки дар низоми Вазорати корҳои дохилӣ 14 нозир, аз ҷумла дар ВМКБ – 1 нафар, вилояти Хатлон – 4 нафар, вилояти Суғд – 3 нафар, шаҳри Душанбе – 5 нафар ва Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар минтақаи Рашт – 1 нафар фаъолият мекунанд, ки барои ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва омилҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда нокифоя мебошанд.

Аз натиҷаи санҷишҳо ҷиҳати пешгирии қонунвайронкуниҳо ва беҳтар кардани фаъолияти нозирон тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани баробарии гендерӣ ва вазъи риояи ҳуқуқи занон тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

- **дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имтиёзҳо барои занону духтарон дар хизмати давлатӣ ва ҷалби бештари онҳо дар ҳайати роҳбарикунанда ва корҳои (соҳаҳои) музди баланддошта;**
- **андешидани чораҳои иттилоотию маърифатӣ барои аз байн бурдани қолабҳои кухнашуда дар масъалаҳои гендерӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, пешгирӣ намудани никоҳҳои маҷбурӣ, ғайрирасмӣ ва бармаҳал;**
- **зиёд намудани шумораи нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва марказҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ;**

- **дар қонунгузорӣ ҳамчун ҷинояти алоҳида пешбинӣ намудани кирдори зӯроварӣ дар оила;**
- **таъсис додани механизми байниидоравии ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила.**

## 2.6. Ҳуқуқи маъюбон

Тибқи маълумоти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2019 теъдоди маъюбон 145896 нафарро ташкил медиҳад. Аз онҳо 15105 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 69880 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм ва 33356 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии маъюбон тадбирҳои муассир андешида мешаванд. Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017–2020», «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» амалӣ карда мешаванд.

22 марти соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон ба имзо расонида шуд. Ҷиҳати омӯзиши масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шудааст. Ҳамчунин Кумитаи роҳбарикунандаи “Мубаддалгардонии ҳуқуқи одамони имконияташон маҳдуд ба воқеъият”, ки дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ҷиҳати мутобиқсозии қонунгузории соҳа ба Конвенсияи мазкур фаъолият менамояд.

Дар 41 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба шаҳрвандоне, ки муваққатан ва ё доимӣ ба хизматрасонии иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, шахсони яккаву танҳо, пиронсолон, беморон, маъюбоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта ба худхизматрасонӣ қодир нестанд шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона таъсис дода шудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар самти пешбурди ҳуқуқи маъюбон баъзе мушкилот низ ба назар мерасанд. Муҳайё накардани муҳити дастрас, таъминоти нафақа, ҷойҳои корӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ, гирифтани роҳхат барои табобат, дастрасӣ ба иттилоот, табъиз ва тамғазании иҷтимоӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд.

Дар амалия ҳануз ҳам дар баъзе ҳолатҳо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» оид ба

дастрасии маъюбон ба объектҳои инфрасохторӣ риоя намешаванд. Натиҷаи санҷиши масъалаҳои дастрасӣ ва муҳайё сохтани муҳити дастрас ба маъюбон (МҚШ Ҷумҳурии Тоҷикистон 35-01-2012) дар шаҳри Исфара ва ноҳияҳои Дӯстию Рашт гуфтаҳои болоро тасдиқ менамояд.

Масалан, биноҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, филиали «Амонатбонк», филиали «Тоҷиксодиротбонк», Қасри фарҳанг, Нозироти андоз, дорухонаҳо, марказҳои савдо дар шаҳри Исфара, биноҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, филиали «Амонатбонк», филиали «Тоҷиксодиротбонк», Кохи ҷавонон, Китобхонаи марказӣ, Қасри фарҳанг, Бахши ҳифзи муҳити зист, Нозироти андоз, Раёсати молия, Ҷамоати деҳоти Ҷиликул, Бозори марказӣ, дорухонаҳо, марказҳои савдо дар ноҳияи Дӯстӣ ва биноҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, суд, Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ, Донишкадаи омӯзгорӣ, Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, филиали «Амонатбонк», филиали «Ориёнбонк», Қасри фарҳанг, Нозироти андоз, ҷамоати деҳоти Ғарм, бозори марказӣ, дорухонаҳо, марказҳои савдо дар ноҳияи Рашт ба эҳтиёҷоти маъюбон мутобиқ гардонида нашудаанд.

Аз натиҷаи санҷишҳои мазкур ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоршуда аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мазкур тавсияҳои дахлдор ирсол карда шуданд.

Тибқи маълумоти воридшуда Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмон низ соли 2018 дар ин самт санҷишҳо гузаронида, 61 камбудӣ ошкор намудааст. Оид ба бартараф кардани камбудиҳо аз тарафи Хадамот 17 амрнома дода шуда, нисбати 4 шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷарима таъин гардидааст.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки хизматрасонии нақлиётӣ ба эҳтиёҷоти маъюбон ҷавобгӯй набуда, нақлиёти ҷамъиятӣ бо дастқаппак, асбоби болобардор, зинапоя ва дарҳои мувофиқ муҷаҳҳаз нашудаанд. Истгоҳҳо, гузаргоҳҳои пиёдагард ва зеризаминӣ низ ба меъёрҳои пешбинишуда мутобиқ карда нашудаанд.

Нафақа барои маъюбон, ки дар бисёр ҳолатҳо сарчашмаи ягонаи даромад ба ҳисоб меравад, зиндагии шоистаи онҳоро таъмин намекунад.

Бо кор таъмин шудан мушкилоти дигари маъюбон мебошад. Талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” оид ба муқаррар шудани квотаҳо барои маъюбон аз ҷониби корфармоён дар аксари ҳолатҳо риоя карда намешавад. Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 51605 нафар маъюбон бо кор фаро гирифта шудаанд, ки нокифоя

мебошад. Дар хизмати давлатӣ низ шумораи ками онҳо бо кор таъмин шудаанд. Тибқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2018 дар хизмати давлатӣ 22 (6 зан) нафар маъюб кор мекунанд, ки аз онҳо 8 (2 зан) нафар маъюби гурӯҳи II ва 14 (4 зан) нафар маъюби гурӯҳи III мебошанд.

Хизматрасонии иҷтимоӣ барои тавонбахшии маъюбон аҳамияти муҳим дорад. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 дар муассисаҳои будубоши доимии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 1172 нафар бошандагон ба таъминоти давлатӣ фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо маъюбони гурӯҳи якум 263 нафар, гурӯҳи дуюм 544 нафар, гурӯҳи сеюм 11, маъюб аз овони кӯдакӣ 201 нафар, ва маъюби то 18-сола 115 нафарро ташкил медиҳанд.

Ҳарчанд стандартҳои байналмилалӣ зарурати истифода аз шаклҳои будубоши доимии расонидани хизматҳои иҷтимоиро танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, пешбинӣ менамоянд, вале дар ҷумҳурӣ ин механизм ташаккули ҳамаҷонибаи худро наёфтааст.

Соли 2018 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вазъи риояи ҳуқуқи бошандагони МД “Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода” ва МД “Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони ноҳияи Ёвон” мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷишҳо нишон доданд, ки бо вуҷуди сол то сол беҳтар шудани вазъи нигоҳубини бошандагон дар муассисаҳои номбурда баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Нигоҳ доштани беморони рӯҳӣ дар ин муассисаҳо, ҷойгир кардани маъюбони беҳаракат дар ошёнаҳои боло, мушкилот дар гирифтани нафақа, таҷҳизонида нашудан бо воситаҳои тавонбахшӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар ҷумҳурӣ таъминоти воситаҳои техникии тавонбахшӣ барои маъюбон нокифоя мебошад. Маъюбон аз сифати аробачаҳои маъюбӣ, таҷҳизоти ортопедӣ ва дастрасӣ ба воситаҳои техникии тавонбахшӣ норозигӣ мекунанд.

Ҳуқуқи дастрасии маъюбон ба иттилоот низ тавассути алифбои Брайл, субтитрҳо ва сурдотарҷумонҳо дар сатҳи кофӣ таъмин карда нашудаанд.

Дар афкори ҷомеа шахси маъюб ҳамчун инсони нотавон, эҳтиёҷманд ва нокомил қабул карда мешавад. Барои ҳамин зарур аст, ки тавассути чораҳои иттилоотиву маърифатӣ муносибати ҷомеа нисбат ба маъюбон тағйир дода шавад.

Бо мақсади ба пуррагӣ таъмин намудани дастрасии шаҳрвандоне, ки муваққатан ва ё доимӣ ба хизматрасонии иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд,

пешниҳод карда мешавад, ки оид ба таъсис додани Шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона дар шаҳру ноҳияҳое, ки онҳо таъсис дода нашудаанд, чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Соли 2018 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Исфара ва ноҳияҳои Дӯстию Рашт дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи маъюбон, коҳиш додани ҳодисаҳои таъбиз ва тамғазанӣ нисбат ба онҳо ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар ин самт бо иштироки кормандони мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони ҷамъияти маъюбон мизҳои мудаввар гузаронид.

Дар соли 2018 ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби маъюбон 8 мурочиат ворид гардидааст, ки масъалаҳои мусоидат намудан барои бо кор таъмин шудан, ҷойгиркунӣ дар Маркази хизматрасонии тиббӣ, гирифтани хонаи истиқоматӣ, ба таъхир гузоштани пардохти қарзи бонкӣ, ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ ва расонидани кӯмаки моддиро дар бар мегиранд. Ба мурочиаткунандагон дар ҳалли масъалаҳои гузоштаашон мусоидат карда шуд.

Инчунин кормандони мақомот оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи маъюбон дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ баромадҳо намуданд. Маводҳои саҳифаи «Шахсони имконияташон маҳдуд»-и сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пайваста нав карда шуданд.

Аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон матни расмии Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон ба забони давлатӣ тарҷума ва нашр гардид.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмин ва риояи ҳуқуқи маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- **тадриҷан таҷҳизонидани биноҳои истиқоматӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, гузаргоҳҳои пиёдагард ва зеризаминӣ вобаста ба эҳтиёҷоти маъюбон;**
- **таъмини дастрасии маъюбон ба иттилоот (сурдотарҷумон, субтитр, алифбои Брайл ва забони имову ишора);**
- **таъсиси ҷойҳои корӣ барои маъюбон;**
- **тақвияти чораҳои иттилоотиву маърифатӣ ҷиҳати фароҳам овардани муносибати таҳаммулгаро нисбат ба маъюбон;**
- **тақвияти корҳо ҷиҳати тасдиқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон.**

## 2.7. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо

Муҳоҷират ба яке аз равандҳои глобалӣ табдил ёфта, аз рӯи маълумотҳои охири СММ зиёда аз 258 миллион аҳолии сайёраи замин (3,4%) муҳоҷир мебошанд ва дар соли 2050 ин теъдод ба 405 миллион

нафар мерасад, ки 164 миллион нафарашон муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд.

Тоҷикистон низ иштирокчии ин раванд мебошад. Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 аз ҷумҳурӣ 484176 (соли 2017 – 487757) нафар ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намудаанд, ки нисбат ба соли 2017 1% кам шудааст. Аз шумораи умумии муҳоҷирон 419664 (соли 2017 – 419 721) нафар мардон ва 64 512 (соли 2017 – 68 036) нафар занон мебошанд. Ҳиссаи занон – муҳоҷирони меҳнатӣ 13%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2017 3% кам шудааст.

Тоҷикистон ба санадҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла «Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо» ҳамроҳ шуда, ба Кумитаи дахлдори СММ ду маротиба гузоришҳои миллии худро пешниҳод кардааст.

Асосҳои ҳуқуқии раванди муҳоҷирати меҳнатиро Конститутсияи Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ба танзим медароранд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ самти афзалиятнок муайян шудааст.

Соли 2018 лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, дар баррасӣ қарор дорад. Дар лоиҳаи мазкур масъалаи то 30 рӯз дароз кардани муҳлати будубош бе қайди муҳоҷиратӣ аз рӯзи воридшавӣ ва 180 рӯз муайян кардани муҳлати умумии будубош пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин соли 2018 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон созишномаи байниҳукуматӣ ба имзо расонида шуд, ки дар он масъалаи то 30 рӯз дароз кардани муҳлати будубоши бе қайди муҳоҷиратӣ аз рӯзи воридшавӣ ва 90 рӯз муайян кардани муҳлати умумии будубош пешбинӣ шудааст.

Тибқи созишномаи байни Тоҷикистону Узбекистон будубоши бераводиди шаҳрвандон ба муҳлати то 30 рӯз иҷозат дода шуд.

Созишномаи дар соли 2018 байни Тоҷикистону Қирғизистон басташуда пешбинӣ намудааст, ки шаҳрвандони тарафҳо бе бақайдгирӣ дар маҳалли зист то 60 рӯз метавонанд будубош намоянд.

Дар қатори пешравиҳо дар ин раванд баъзе мушкилот низ ҷой доранд, ки ба онҳо масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, муҳоҷирати ғайрирасмӣ, дастрасии маҳдуди муҳоҷирон ба бозори меҳнати хориҷӣ, ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ба ёрии тиббӣ, шароити бади зист ва кор, мутобиқшавӣ ба ҷомеаи кишвари қабул, фаро гирифта нашудан ба низоми суғуртаи нафақавӣ, ихроҷ шудан ё манъи воридшавӣ ва дигарҳо мисол шуда метавонанд.

Тибқи меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бояд аз ҷониби давлатҳо кафолат дода шаванд. Санадҳои миллии дар самти муҳоҷират қабулшуда механизми хизматрасониҳои мушаххас ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатиро пурра танзим накардаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ» дар таҳрири нав аз соли 2010 инҷониб дар баррасӣ қарор дошта, то ҳол қабул нагардидааст.

Низоми мураккаби бақайдгирии муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, ба хусус дар Федератсияи Россия, ки 95,6%-и шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ кору фаъолият менамоянд, боиси афзоиши муҳоҷирати ғайрирасмӣ гардида, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳоро мушкилтар мегардонад. Масалан, тибқи қонунгузории Федератсияи Россия барои аз қайди муҳоҷиратӣ гузаштан ва гирифтани патент муҳоҷирони меҳнатиро лозим меояд, ки теъдоди зиёди ҳуҷҷатҳоро бо сарфи маблағҳои зиёд омода намуда, муҳлатҳои дароз дар навбат истанд ва дигар монеаҳои зиёдро паси сар намоянд.

Дастрасии муҳоҷирони меҳнатӣ ба намудҳои алоҳидаи кор дар бозори меҳнати Федератсияи Россия сол аз сол маҳдуд шуда истодааст. Аз ҷумла, кор дар соҳаҳои парвариши сабзавот, фурӯши маҳсулоти тамоку, нӯшокиҳои спиртӣ, хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ, боркаш ва ғайраҳо манъ ё маҳдуд карда шудааст. Инчунин ҳолатҳои пардохт нашудани музди меҳнат ва табъизи муҳоҷирони меҳнатӣ ба назар мерасад.

Муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои қабул ҳангоми ҷойгир намудани фарзандон ба кӯдакистону мактабҳо ба мушкилиҳо дучор мешаванд, ки дар аксар вақт ба мақоми расмии будубоши онҳо вобастагӣ дорад.

Ҳамчунин муҳоҷирони меҳнатӣ аз ёрии таъҷилии тиббии ройгон бархурдор нестанд. Дар чунин мавридҳо кормандони тиб аз муҳоҷирони меҳнатӣ полиси суғуртаи тиббӣ ва пардохти хизматрасониҳои тиббиро талаб менамоянд, ки хилофи Тартиби расонидани ёрии тиббӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия, ки бо қарори

Ҳукумати Федератсияи Россия аз 6 марти соли 2013, №186 тасдиқ шудааст, мебошад.

Вазъи мураккаби баъзе муҳоҷирони меҳнатиро надонистани қонунгузорӣ, забон, таърих, урфу одатҳои кишвари қабул боз ҳам мушкил мегардонад. Чунин ҳолат аз он далолат мекунад, ки дар дохили кишвар омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст.

Ҳолатҳои фавти шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ҳануз ҳам нигаронкунанда мебошад. Тибқи маълумоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 966 (с.2017 – 873) ҷасади шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба Тоҷикистон оварда шуданд, ки сабаби фавти 28 (с.2017 – 55) нафари онҳо куштор мебошад.

Аксари муҳоҷирони меҳнатӣ, ки шаҳрвандӣ ва иҷозатномаи зисти доимии кишвари қабулро надоранд ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷ ба низоми суғуртаи нафақавӣ ҳуқуқи дастрасӣ надоранд.

Муҳлатҳои тӯлонӣ қарор гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ дар муҳоҷират ва барпо намудани оилаҳои нав дар хориҷи кишвар сабаби вайроншавии оилаҳо дар кишвар гардида, ситонидани алиментро душвор гардонидааст.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии муҳоҷирони меҳнатӣ дар бозори кишвари хориҷӣ ин тариқи муташаккилона фиристодани онҳо мебошад. Соли 2018 аз ҷониби субъектони хоҷагидор, ки ба интиқоли қувваи корӣ ба хориҷи кишвар машғул ҳастанд, ҳамагӣ 1953 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ бо кор таъмин гардидаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 зиёд шуда бошад ҳам, ҳиссаи он дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамагӣ 0,4%-ро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд солҳои охир баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишвар зиёд гардида бошад ҳам, ба касбомӯзӣ фаро гирифтан, ба кор таъмин намудан ва умуман реинтегратсияи онҳо ба иқтисодиёти кишвар ҳануз қонеъкунанда намебошад. Соли 2018 бо мусоидати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз ҳисоби шаҳрвандоне, ки воридшавиашон ба Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо манъ шудааст, 1462 нафар соҳиби касб гардида, 812 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гаштаанд. Ҳамчунин ширкатҳое, ки барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ иҷозатнома доранд, дар баробари ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ тибқи таносуб 12816 нафар шаҳрвандони ҷумҳуриро, ки воридшавиашон ба ҳудуди Федератсияи Россия манъ шудааст, ба кор ҷалб намуданд. Нишондиҳандаҳои мазкур дар муқоиса бо шумораи умумии шаҳрвандоне, ки воридшавиашон манъ карда шудааст, нокифоя мебошад.

Соли 2018 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 6 адад муроҷиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ворид гардидааст. Мазмуни муроҷиатҳо масъалаҳои берун карда шудан аз ҳудуди Федератсияи Россия ва пардохт нашудани музди меҳнат, мусоидат барои баргардонидани фарзанд, дастрас намудани шаҳодатномаи таваллуд, мавриди зӯроварӣ қарор гирифтан ва дигарҳоро дар бар мегирад. Ба муроҷиаткунандагон дар ҳалли масъалаҳои гузоштаашон мусоидат карда шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар шудани вазъи риояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- **тезонидани раванди қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ”;**
- **дар ҷои истиқомат ташкил намудани курсҳои омодагии пеш аз муҳоҷиратии муҳоҷирони меҳнатӣ, омӯзиши қонунгузорӣ, забон, таърих, фарҳанг, урфу одатҳои кишвари қабул;**
- **ба имзо расонидани созишномаҳои дуҷониба оид ба муайян намудани нафақаи муҳоҷирони меҳнатӣ;**
- **тақвият додани корҳо дар самти муташаккилона фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор ба хориҷи кишвар;**
- **андешидани тадбирҳо оид ба реинтегратсияи муҳоҷирони меҳнатии баргашта ба иқтисодиёти кишвар.**

# ХОТИМА

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2018 аз ду қисми асосӣ иборат мебошад.

Дар қисми аввали Маърӯза дар баробари иҷрои корҳои анҷомшуда оид ба таққими иқтидори мақомоти мазкур, инчунин нишондиҳандаҳои фаъолият дар самтҳои қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ, санҷишу мониторингҳо, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар Маърӯза омадааст, ки соли 2018 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3522 адад (с.2017 – 3864) муроҷиат ба қайд гирифта шудааст. Аз онҳо 857 адад хаттӣ ва 2665 адад шифоҳӣ мебошанд. Аз ҷумла, 599 адад (с.2017 – 571 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 2923 адади боқимонда (с.2017 – 3293 адад) дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба қайд гирифта шуданд.

Аз 571 адад муроҷиатҳое, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 225 адади онҳо (с.2017 – 252) хаттӣ ва 374 адад (с.2017 – 319) шифоҳӣ мебошанд.

Дар соли 2018 дар муқоиса ба соли 2017 теъдоди муроҷиатҳо нисбат ба ҳуқуқ ба озодӣ аз зӯроварӣ дар оила (6), ҳуқуқ ба саломатӣ (3), ҳуқуқ ба таҳсил (13) ва ба дигар масъалаҳо (17) зиёд шуда, муроҷиатҳо оид ба ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (9), ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (5), ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ (4), ҳуқуқ ба манзил (19), ҳуқуқ ба моликият (5), ҳуқуқ ба меҳнат (6) ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (16) кам гардидаанд.

Натиҷаи баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2018 дар муқоиса ба соли 2017 шикоятҳо нисбат ба мақомоти корҳои дохилӣ, шахсони воқеӣ ва шахсони мансабдор бештар гардида, нисбат ба мақомоти судӣ, адлия ва мақомоти дигар давлатҳо кам шудаанд.

Соли 2018 дар Дастгоҳи марказии мақомот 55 адад ё 9,1% (с.2017 – 60) муроҷиатҳо (аз ҷумла, 36 (с.2017 – 41) муроҷиати хаттӣ ва 19 (с.2017 – 19) муроҷиати шифоҳӣ) мусбат ҳал гардиданд.

Аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2018 ба 60 лоиҳаи (с.2017 – 58) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла нисбати 24 лоиҳаи қонун, 5 лоиҳаи Фармони Президенти ҶТ, 6 лоиҳаи Қарори Ҳукумати ҶТ, 13 лоиҳаи қарори пленуми Суди олӣ, 1 лоиҳаи Консепсия ва 11 лоиҳаи дигар санадҳо хулосаҳо пешниҳод шуданд.

Инчунин дар ин давра кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар фаъолияти 39 (с.2017 – 29) гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон иштирок намуданд.

Фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ва ғайраҳо самаранок буданд.

Дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 11 (с.2017 – 18) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кори Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва бо супориши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2018 57 санҷишу мониторинг ва боздид (22 санҷиш, 32 мониторинг ва 3 боздид) гузаронида шуданд.

Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Ҳамкориҳои мақомот бо воситаҳои ахбори омма тақвият ёфтанд. Дар маҷмуъ, роҳбарият ва кормандони мақомот тавассути телевизион, радио, матбуоти чопӣ ва электронӣ 327 (с. 2017 – 273) баромад намуданд.

Дар соли сипаришуда бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 63 (с.2017 – 39) чорабиниҳои маърифатӣ ва иттилоотӣ (3-конференсия, 41-мизи мудаввар, 8-семинар ва 6-тренинг) гузаронида шуда, иштироки кормандони Дастгоҳи марказии мақомот дар 123 (с.2017 – 77) чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки аз ҷониби мақомот ва муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шуданд, таъмин карда шуд.

Соли 2018 дар ҷумҳурӣ 70-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 1948) сазовор ҷашн гирифта шуд.

Айни замон дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ 3 Намояндагӣ ва 6 Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият намуда, ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, аз ҷумла ба гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд.

Фаъолияти намояндагиҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҳисоби шарикони рушд маблағгузорӣ карда мешавад.

Дар соли 2018 аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 2923 адад (с.2017 – 3293) муроҷиатҳо ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо муроҷиатҳои хаттӣ 632 адад (с. 2017 – 487) ва муроҷиатҳои шифоҳӣ 2291 адад (с.2017 – 2806)-ро ташкил медиҳанд.

Таҳлили муроҷиатҳои ба намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридгардида нишон медиҳад, ки нисбат ба соли 2017 муроҷиатҳо доир ба ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (22), ҳуқуқ ба мерос (13), ҳуқуқ ба манзил (26), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (18), ҳуқуқ ба замин (34) ва ҳуқуқ ба алимент (15) бештар гардидаанд.

Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2018 дар маҷмӯъ 247 машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронида, дар кори 155 чорабиниҳои иттилоотӣ иштирок намуданд.

Соли 2018 дар сомонаҳои мақомот зиёда аз 300 мавод ҷойгир карда шуда, зиёда аз 2700 нафар муштарӣ аз сомонаҳо истифода бурданд.

Дар ин давра аз тарафи роҳбарияти мақомот ва кормандони Дастгоҳи он бо намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва коршиносони байналмилалӣ 16 вохӯриву мулоқотҳои судманд сурат гирифтанд, ки ба таҳкими мақомот мусоидат намуданд.

Дар ин сол аз буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 601 135 сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2017 264 722 сомонӣ зиёд аст. Аз ҷумла, барои Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба маблағи 1 514 795 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ба маблағи умумии 86 540 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок истифода бурда шуданд.

Дар маҷмуъ соли 2018 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 376 507 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 24% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

Қисми дуюми Маърӯза, ки вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон дар ҷумҳуриро дар бар мегирад, бо дарназардошти рафти иҷрои самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз Стратегияи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2016–2020 бармеоянд, маълумотҳое, ки аз вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод шудаанд ва инчунин маводҳои васоити ахбори омма таҳия шудааст. Дар ин қисм дастоварду мушкилоти

ҷойдошта оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон бо далелу мисолҳои мушаххас инъикос гардидааст.

Дар Маърӯза бо мақсади бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ва беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, оид ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф – 3, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида – 2, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ – 4, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва ҳуқуқ ба муроҷиат – 3, баробарии гендерӣ ва риояи ҳуқуқи занон – 5, ҳуқуқи маъюбон – 5, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – 5, дар маҷмӯъ 27 тавсия пешниҳод гардидааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки Маърӯзаи мазкур барои ҳамкориҳои судманди минбаъда бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати татбиқи тавсияҳои зикршуда ва ҳалли масъалаҳои дигари ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат менамояд.